**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 - Эпидемиология**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия.** Дар стоматологияи муосир бемориҳои бофтаҳои сахти дандон ва пародонт яке аз мавқеъҳои асосиро ишғол менамояд, ки ин ба паҳншавии васеъи ин бемориҳо дар тамоми дунё, ҳамчунин хатари пайдоиши мураккабиятҳои гуногуни одонтогенӣ ва манбаъи сироятҳои музмини ба ҳолати умумии организм таъсиркунанда оварда мерасонад.

Бемориҳои системавии соматикӣ ва сироятӣ метавонанд яке аз омилҳои пайдо шудани бемориҳои стоматологӣ ба ҳисоб раванд. Муҳим будани ин далел на танҳо аз зарурати ба ҳисоб гирифтани таъсири патологияҳои системавӣ ба равандҳои ташхис иборат аст. Дар ин ҳолат барои табиб-стоматолог ҳамкорӣ бо мутахассисони дигар соҳа дар ҳолатҳои махсус метавонад ба муоличаи бемориҳои узвҳои ковокии даҳон, ки ба усулҳои маъмулии табобат муқовимият доранд, сабабгор гардад.

Дигаргуниҳои умумии патологӣ дар организм метавонанд сабабгори ба амал омадани дигаргуниҳо аз тарафи узвҳои ковокии даҳон шаванд. Аз ин лиҳоз қонуни бутунии организм ҳангоми далелнок намудани системаи ташхис, пешгирӣ ва табобати шаклҳои мушаххаси нозологияҳои ковокии даҳон дар марҳалаи муосири рушди стоматология аҳамияти ба худ хосае дорад.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки бемориҳои системавии соматикӣ яке аз омилҳои пайдоиши бемориҳои бофтаҳои сахти дандонҳо ба ҳисоб мераванд. Зарурати гузаронидани тадқиқотҳои клиникӣ-эпидемиологӣ дар стоматология барои муайян намудани динамикаи бемориҳои ковокии даҳон, дар вобаста аз мавҷудияти бемориҳои узвҳо ва системаҳои дарунӣ, актуалӣ

будани омӯзиши ин масъалаҳоро далелнок менамояд, ки рисолаи пешниҳодгардида ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст. Дар натиҷа чорабиниҳои табобатӣ-профилактикии пешниҳодгардида сабабгори барзиёдгардии самаранокии ёрии стоматологӣ ҳангоми мавҷудияти вайрониҳои системавӣ дар организм шуда метавонанд.

Гуфтаҳои зикргардида муҳимиятнокии тадқиқоти анҷомдодаи Б.М. Каримовро тасдиқ менамояд, ки мақсади он гузаронидани корҳои эпидемиологӣ ва клиникӣ-беҳдоштии узвҳои ковокии даҳон, инчунин ҳангоми мавҷудияти бемориҳоли системавӣ бо мақсади муайян намудани сифати дигаргуниҳо ва такмил додани усулҳои бартараф намудани вайрониҳои ҷойдошта дар ковокии даҳон анҷом дода шудааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои ба даст овардашудаи муаллиф дар диссертатсия.** Маводи пешниҳодшуда дар рисолаи мазкур дорои навигариҳои илмӣ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда дар сатҳи баланд бо истифода аз доираи васеъи усулҳои эпидемиологӣ, клиникӣ, рентгенологӣ, математикӣ, экспертӣ ва оморӣ иҷро карда шудааст. Маводи истифодакардаи муаллиф ба вазифаҳои дар пеш гузошташуда мувофиқат намуда, муносибати диссертантро нисбат ба проблемаи омӯхташаванда муайян менамояд.

**Навигариҳои илмии рисола** аз он иборат аст, ки дар он бори нахуст дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда ҳамвобастагии динамикаи бемориҳои стоматологӣ бо вазнинии бемориҳои соматикӣ муайян карда шудааст. Бори нахуст омилҳои бартаридоштаи эпидемиологӣ дар пайдо шудани бемориҳои дандон ва бофтаҳои пародонт байни беморони соматикӣ муайян карда шудааст.

Бо назардошти вазифаҳои дар пеш гузошташуда муаллиф тавсифи динамикаи мутақобилаи байни нишондодҳои клиникӣ-эпидемиологӣ, беҳдоштӣ ва рентгенологии бемориҳои ковокии даҳонро ҳангоми мавҷудияти бемориҳои системавӣ пешниҳод намудааст.

Дар асоси таҳлили вазъи эпидемиологии бемориҳои асосии стоматологӣ муносибатҳои нави ташкил намудани масъалаҳои такмил додани ёрии

стоматологӣ коркард шуд ва ин имконият медиҳад, ки дар ниҳояти кор сифати расонидани ёрии стоматологиро дар беморхонаҳои бисёрсоҳа беҳтар созад.

Маводҳои дар рисола ҷойдошта дар фаъолияти бисёр муассисаҳои махсусгардонидашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гардида, дар раванди таълими кафедраҳои эпидемиология ва стоматологияи муолиҷавии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Дараҷаи асоснокии нуктаҳои илмӣ хулосаҳо ва тавсияҳои амалии ба даст овардашудаи муаллифи рисола.** Вазъияти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои кори пешниҳодгардида эътимоднок буда, аз маълумотҳои ба даст оварда бармеояд, ки коркарди оморӣ бо истифода аз маҷмӯи усулҳои илмӣ ва объективии далелнок тасдиқ шудаанд. Бо истифода аз усули эпидемиологӣ ҳолати стоматологии 947 нафар бемори синну солашон аз 20 то 60-сола ва калонтар, ки дар онҳо бемориҳои узвҳои ҳозима, дилу рагҳо ва, бемориҳои эндокринӣ муайян карда шудаст.

Ба сифати гурӯҳи назоратӣ 248 нафар бемори стоматологии касалиҳои соматикӣ надошта дохил гардиданд. Ҳангоми иҷроиши корҳои илмӣ миқдори умумии шахсони муоинагаштаи гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ ба 1195 нафар баробарӣ дошт.

**Ҳаҷм ва баҳогузорӣ ба муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович аз муқаддима, шарҳи адабиёти илмӣ, мавод ва усулҳои истифодашуда, 2 боби натиҷаҳои тадқиқоти муаллифи рисола, хулоса, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 172 сарчашма тартиб дода шуда, аз онҳо 92 номгӯй сарчашмаи муаллифони хориҷи наздик ва 80 адади он сарчашмаи муаллифони хориҷаи дурро ташкил медиҳад. Рисола дар ҷамъ аз 132 саҳифа иборат буда, дар он 16 адад ҷадвал ва 19 адад расм мавҷуд аст.

**Муқаддимаи рисола** аҳамият ва зарурати иҷро кардани тадқиқоти мазкурро муайян намуда, мақсад ва вазифаҳои гузошта бо таври равшан баён шуда, масъалаҳои дар кори илмӣ баррасишударо хело хуб инъикос мекунанд.

**Дар боби аввали** диссертатсия, ки **«Шарҳи адабиёт»** ном дорад, муаллиф 172 сарчашмаи илмиро таҳлил кардааст, ки онҳо проблемаҳои мавҷудаи бемориҳои стоматологиро байни беморони касалиҳои умумисоматикидошта нишон медиҳад. Дар ин боб патогенези пайдошавии бемориҳои стоматологӣ ҳангоми касалиҳои системавӣ, ба монанди бемориҳои дилу рагҳо, бемории узвҳои ҳозима, ревматикӣ ва як қатор бемориҳои эндокринӣ баррасӣ карда шудааст. Ба таври муфассал натиҷаҳои таҳлили ҳолати бофтаҳои пародонт ҳангоми мавҷудияти бемориҳои соматикӣ оварда шудааст. Инчунин ба масъалаҳои аҳамияти беҳдошти ковокии даҳон бо дарназардошти пешгирии бемориҳои стоматологӣ диққати махсус дода шудааст.

**Дар боби дуюми** диссертатсия сифати умумии маводҳои эпидемиологӣ ва клиникӣ-рентгенологии истифодашуда бо мақсади муайян намудани масъалаҳои расонидани ёрии стоматологӣ ба беморони дорои бемориҳои музмини узвҳо ва системаҳои дарунидошта оварда шудааст. Маълумотҳои ба даст овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки вобастагӣ байни бемориҳои асосии стоматологӣ ва соматикӣ дар байни гурӯҳи муоинашудагон мавҷудият дорад. Ин, дар навбати худ, имконият дод, ки равишҳои клиникӣ-эпидемиологии масъалаҳои расонидани ёрии стоматологӣ ба беморони касалиҳои соматикидошта, такмил дода шавад.

Таҳлили дар **боби сеюми рисола** гузаронидашуда динамикаи нишондиҳандаҳои эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ ва ҳолати беҳдоштии ковокии даҳонро ҳангоми мавҷудияти касалиҳои системавӣ дар бар гирифта, патогенези кариеси дандон ва бемориҳои пародонтро дар байни шахсони гирифтори бемориҳои музмини узвҳо ва системаҳои дарунидошта, инчунин саҳми омилҳои эпидемиологӣ ва ҳолати экосистемаи ковокии даҳонро тасдиқ менамояд.

Хусусияти ҳамвобастагии омилҳои клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии пайдошавии кариеси дандон ва бемориҳои пародонт ҳангоми бемориҳои системавӣ омилҳои бартаридоштаи патогенетикиро нишон медиҳад, ки ин ҳолат динамикаи шиддатнокии бемориҳои стоматологиро муайян месозад.

Ман шахсан фикр мекунам, ки натиҷаҳои ба даст овардашуда дар ин самт бояд ҳангоми ба нақшагирӣ ва такмил додани барономаҳои стоматологии табобатӣ-профилактикӣ хусусан ба беморони соматикии дар шароитҳои статсионар ҷойгирифта ба ҳисоб гирифта шаванд.

**Дар боби чоруми** рисола натиҷаҳои омӯзиши динамикаи ёрии кариесологӣ, ҳамчунин натиҷаҳои арзёбии рентгенологии устухони алвеолярӣ байни беморони пародонтологӣ дар заминаи татбиқи чорабиниҳои маҷмуавии табобатӣ-профилактикии беморони гирифтори бемориҳои умумисоматикӣ оварда шудааст.

Дар ин самт исбот карда шудааст, ки зери таъсири маҷмӯи чорабиниҳои беҳдоштӣ ва табобатӣ, аз як тараф, зуҳуроти беҳаракатӣ дар маҷрои микросиркуляторӣи бофтаҳои пародонт бартараф карда шуда, аз тарафи дигар метоболизми ҳуҷайраҳо муътадил гашта, элиминатсияи радикалҳои озоди радикалӣ ба амал меояд, ки барои пайдо шудани микрофлораи ковокии даҳон шароити нохуб фароҳам меоварад.

Дар диссертатсия ҷадвалҳо, диаграммаҳо оварда шудаанд, ки ин имконият медиҳад, ки нисбати тадқиқоти гузаронида тасаввуроти беҳтари айёнӣ ва дастрас пайдо карда шавад. Маълумотҳои ба даст овардаи муаллифро метавон дар амалияи тандурустӣ мавриди истифода қарор дод.

Тамоми хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ пурра аз мазмуни тадқиқоти гузаронида бармеоянд ва мувофиқи вазифаҳои гузошташуда тартиб дода шудаанд.

Маводи нашршуда оид ба мавзӯи диссертатсия дар раванди таълимии кафедраҳои соҳавии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино истифода мешаванд.

Мазмуни автореферати тартибдода ба диссертатсия мувофиқат карда, мазмуни асоии онро инъикос менамояд. Дар асоси муқоиса кардани мақсад ва вазифаҳои гузошта бо хулосаҳо чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки лаҳзаҳои асосии тадқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудааст.

Дар маҷмӯъ, рисолаи пешниҳодгардида таассуроти хуб боқӣ гузошта, бо ҷолибӣ мутолиа мешавад ва сазовори баҳои баланд аст.

**Хулоса:**

Ҳамин тавр, диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович дар мавзӯи: «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», тадқиқоти мустақилона ва ба анҷомрасида буда, дорои самтҳои нави ҳаллу фасл кардани вазифаҳои мубрами омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ мебошад.

Рисолаи пешниҳодгардида аз лиҳози муҳимият, навигарӣ, ҳаҷм ва сатҳи тадқиқоти гузаронидашуда, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва равишҳои методолгӣ ба талаботи боби 3, бандҳои 31, 34 «Дар бораи тартиби додани унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, бо мақсади тақдими диссертатсияҳои номзадӣ равонашуда, аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология мувофиқат мекунад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**Сартабиби МД дармонгоҳи шаҳрии**
**стоматологӣ, номзади илмҳои тиб** **Маҳмудов Ҷ. Т.**

**Маълумот барои тамос:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шевченко, 61.
Тел.: (+992) 37-221-10-81; (+992) 918-71-32-66; Fax: (+992) 37-221-53-06
e-mail: m.ruziev@mail.ru